| | |
|---|---|
| «Мувофиқа шуд»<br>бо Вазири молияи<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>_________С. Наҷмиддинов<br>аз“16” майи соли 2013, №3-12а/15 | «Тасдиқ шудааст»<br>бо Фармоиши Раиси Кумитаи<br>андози назди Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз “22” феврали соли 2013, №7-ф |

# ДАСТУРАМАЛ
## оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз бизнеси бозӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз бизнеси бозӣ (минбаъд – Дастурамал) дар асоси қисми 5 моддаи 311 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кодекси андоз) таҳия шуда, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз бизнеси бозиро муайян менамояд.

2. Мафҳумҳое, ки дар Дастурамали мазкур истифода мешаванд:

а) низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ (минбаъд – андоз аз бизнеси бозӣ) низоми махсуси андоз мебошад, ки субъектҳои бизнеси бозӣ, ба истиснои даромадҳои бизнеси бозӣ, ки андозбандии онҳо дар манбаи пардохт амалӣ карда мешавад, ӯҳдадоранд истифода намоянд;

б) бизнеси бозӣ – фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо гирифтани даромадҳои шахс дар шакли бурд ва (ё) пардохтҳо барои гузаронидани бозӣ ва (ё) гарав ва (ё) баровардани лотерея алоқаманд буда, таҳвили молҳо (ҳуқуқ ба молумулк), иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо намебошад;

в) гарав - созишномаи бо таваккал асосёфта доир ба бурд, ки байни ду ё якчанд иштирокчиёни бизнеси бозӣ байни худ ё бо субъекти (соҳиби, намояндаи соҳиби) бизнеси бозӣ баста шудааст ва натиҷаи созишнома, ки он аз ҳодисае вобаста аст, ки қаблан фаро расидан ё нарасидани он маълум нест;

г) мизи бозӣ – ҷойи махсуси бо як ё якчанд майдони бозӣ таҷҳизонидашудаи субъекти (соҳиби) бизнеси бозӣ, ки барои гузаронидани бозӣ (бо бурд ва бе бурд) пешбинӣ гардида, дар он субъекти (соҳиби) бизнеси бозӣ ба воситаи намояндагони худ ҳамчун тараф ё чун ташкилкунанда иштирок менамояд, ба ғайр аз ҳолатҳои қиморбозӣ;

д) автомати бозӣ – таҷҳизоти махсуси (механикӣ, барқӣ, электронӣ ё дигар таҷҳизоти техникӣ) ва (ё) компютери шахсӣ, ки барои гузаронидани бозӣ (бо бурд ва бе бурд) бе иштироки субъекти (соҳиби, намояндаи соҳиби) бизнеси бозӣ дар бозиҳои мазкур истифода мешаванд, ба ғайр аз ҳолатҳои қиморбозӣ;

е) кассаи тотализатор ё идораи букмекерӣ – ҷои махсуси таҷҳизонидашудаи соҳиби бизнеси бозӣ (намояндаи соҳиб), ки дар он

маблағи гарав ба ҳисоб гирифта шуда, маблағи бурди пардохтшаванда муайян карда мешавад;

ж) роҳрави бозӣ – роҳрави махсус, ки барои бозии боулинг (кегелбан) пешбинӣ гардидааст;

з) мизи билярд – мизи махсус, ки барои бозии билярд пешбинӣ шудааст;

к) лото – бозӣ бо қартаҳои махсуси рақамдор (суратдор ё дигар аломатдор), ки бо муҳрачаҳо (фишкаҳо) пӯшонида мешаванд;

л) лотерея – бозии оммавии муташаккилона мебошад, ки дар он тақсимоти даромад ва зарар аз тасодуфан гирифтани ин ё он чипта ё рақам (қуръа, лот) ва ҳаҷми фонди мукофот барои ҳар барориши лотерея вобаста аст. Як қисми маблағҳои супоридаи бозингарон ба ташкилкунандагони лотерея равона шуда, қисми дигари он дар шакли андоз ба давлат пардохт карда мешавад;

м) барориши лотерея – шумораи чиптаҳои лотереяҳои аз ҷониби ташкилкунандаи лотерея барои фурӯш тайёршуда;

н) варақаи бақайдгирии объектҳои андозбандӣ – санади тасдиққунандаи бақайдгирии объектҳои андозбандии марбут ба бизнеси бозӣ ё шаҳодатнома.

## 2. СУПОРАНДАГОНИ АНДОЗ

3. Мутобиқи моддаи 307 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони андоз аз бизнеси бозӣ шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳои онҳо, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи бизнеси бозӣ амалӣ менамоянд, мебошанд.

***Мисол.*** *ҶДММ "Барор" дар фаъолияти худ 6 адад мизи билярд ва 10 адад автомати бозиро истифода менамояд, ки 5 адад автомати бозиро аз ҶДММ "Офтобак" ба иҷора гирифтааст. Объекти андозбандӣ аз бизнеси бозӣ барои ҶДММ "Барор" 6 адад мизи билярд ва 10 адад автомати бозӣ ба ҳисоб меравад. ҶДММ "Офтобак" бошад супорандаи андоз аз бизнеси бозӣ ба шумор нарафта, маблағи иҷораи аз ҶДММ "Барор" гирифтааш мутобиқи муқаррароти моддаҳои 95-104 Кодекси андоз андозбандӣ карда мешавад.*

*Мисол. Осоишгоҳи "Фароғат" дар тавозуни худ як адад мизи билярд дорад, вале онро бо мақсади фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи бизнеси бозӣ истифода намекунад, аз ин рӯ, супорандаи андоз аз бизнеси бозӣ ба ҳисоб намеравад.*

## 3. ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ ВА ТАРТИБИ БАҚАЙДГИРИИ ОНҲО

4. Мутобиқи моддаи 308 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти андозбандӣ барои андоз аз бизнеси бозӣ инҳо мебошанд:

а) мизи бозӣ;
б) кассаи тотализатор;
в) кассаи идораи букмекерӣ;
г) автомати бозӣ бе бурди пулӣ;
д) роҳрави бозӣ (ҳангоми бозии боулинг (кегелбан);
е) мизи билярд (ҳангоми бозии билярд);
ж) ташкили лото (ҳангоми бозии лото);
з) ба фурӯш баровардани лотерея;
к) дигар объектҳои бизнеси бозӣ, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани даромад муайян карда мешаванд.

5. Ҳар як объекти андозбандии дар банди 4 ҳамин Дастурамал (ба ғайр аз барориши лотерея ба фурӯш) пешбинигардида на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи оғози татбиқи (истифодаи) он дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии чунин объекти андозбандӣ ба қайд гирифта мешавад.

6. Ҳар як барориши чиптаҳои лотерея ба фурӯш, ки дар зербанди з) банди 4 Дастурамали мазкур пешбинӣ гардидаанд ва ҳаҷми фурӯши номиналии онҳо бо ифодаи пулӣ бояд дар мақомоти андози дахлдор на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи фурӯши чиптаҳои лотерея ба қайд гирифта шаванд.

7. Бақайдгирӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси аризаи андозсупоранда мутобиқи шакли дар замимаи 3 овардашуда дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ бо ҳатман додани шаҳодатномаи дахлдор мутобиқи шакли дар замимаи 4 овардашуда сурат мегирад.

***Мисол:*** *ҶДММ «Орзу» санаи 10 январи соли 2013 аз қайди шӯъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода гузашта, шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ гирифт. Барои он ки ҶДММ "Орзу" аз санаи 1 феврали соли 2013 ҳуқуқи истифодаи объектҳои бизнеси бозиро пайдо кунад, бояд то 20 январи соли 2013, яъне на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи оғози истифодаи онҳо ба Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода бо ариза муроҷиат намуда, Шаҳодатнома оид бақайдгирии объектҳои бизнеси бозиро гирад.*

8. Андозсупоранда ӯҳдадор аст, ки ҳар тағйироти миқдории объектҳои андозбандиро на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи ҷойгиркунӣ ё қатъ гардидани татбиқи (истифодаи) ҳар объекти андозбандӣ, аз ҷумла ҳар барориши лотереяҳо ба фурӯш, дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ба қайд гузорад.

Ҳангоми ҷойгиркунии объекти нави андозбандӣ, иваз намудани маҳали ҷойгиршавии он ё хориҷ намудани он Шаҳодатномаи нав дода мешавад.

9. Ҳангоми қатъи фаъолият дар соҳаи бизнеси бозӣ ва (ё) аз кор мондани ҳамаи объектҳои андозбандӣ (анҷом додани фурӯши чиптаҳои лотерея) варақаи Шаҳодатномаи бақайдгирии баҳисобгирии объектҳо бояд дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ ба мақоми андоз супорида шавад.

10. Амалӣ намудани фаъолияти бизнеси бозӣ бе бақайдгирии объектҳои андозбандӣ роҳ дода намешавад. Дар давраҳои андозе, ки дар онҳо мақомоти андоз истифодаи чунин объектҳои андозбандиро ошкор намудаанд, андоз барои ҳар объекти ба қайд гирифтанашуда дар ҳаҷми 10-каратаи меъёри ба ин намуди объекти андозбандӣ муқарраргардида бо бақайдгирии минбаъдаи объекти андозбандӣ пардохт карда мешавад.

## 4. МАНБАИ АНДОЗ, МЕЪЁРИ АНДОЗ

11. Мутобиқи моддаи 309 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақсадҳои ҳисоб намудани манбаи андоз аз бизнеси бозӣ даромади аз ҳар як воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар бурориши лотереяҳо ба фурӯш) дар назар дошташуда истифода бурда мешавад.

12. Маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои давраи андоз новобаста ба андозаи даромади дар ҳаҷми устувор гирифташуда, бо карат нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо на камтар аз андозаи калонтарини пардохт барои патент барои ҳар воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар бурориши лотерея ба фурӯш) дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) муқаррар карда мешавад.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 таҳти №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» маблағи калонтарини патент бо назардошти коэфисенти минтақавии калонтарин (1,2 – барои ш.Душанбе) ба 720 сомонӣ (бе назардошти коэфисент баробари 600 сомонӣ) баробар аст. Бинобар ин, андозаи андоз барои як воҳиди объекти андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ барои ш. Душанбе аз ин нишондиҳанда кам буда наметавонад.

| Номи шаҳрҳо ва ноҳияҳо | Коэфисент ҳои минтақавӣ | Меъёри хурдтарини андоз аз бизнеси бозӣ барои як воҳиди объекти андозбандӣ |
|---|---|---|
| Шаҳри Душанбе | 1,2 | 720 |
| Шаҳрҳои Хуҷанд ва Қурғонтеппа | 1,15 | 690 |

| | | |
|---|---|---|
| Шаҳрҳои Истаравшан, Турсунзада, Кайроққум, Ваҳдат, Чкаловск; Марказҳои маъмурии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор, Б. Ғафуров | 1,1 | 660 |
| Шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Кулоб, Сарбанд; Марказҳои маъмурии ноҳияҳои Спитамен, Ҷабор Расулов, Ҷ.Румӣ, Данғара, Бохтар, Вахш | 1,0 | 600 |
| Шаҳрҳои Роғун, Норак, Табошар, Хоруғ; Марказҳои маъмурии ноҳияҳои Шаҳринав, Файзобод, Варзоб, Ҷиликул, Қумсангир, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритуз, А.Ҷами, Хуросон, Восеъ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадони, Ёван, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Ғончӣ, Н.Хусрав | 0,85 | 510 |
| Дигар шаҳрҳо ва марказҳои маъмурии дигар ноҳияҳо ва маҳалҳои қишлоқ | 0,7 | 420 |

13. Андозсупорандагоне, ки бо бизнеси бозӣ машғуланд, уҳдадоранд аз 1-уми январи соли 2013 ба низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ гузаранд. То қабули қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо (ноҳияҳо) доир ба маблағи андоз аз бизнеси бозӣ, маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои шахсони мазкур дар ҳаҷми миёнаи моҳонаи ҳамаи андозҳои аз фаъолияти онҳо дар соли 2012 ҳисоб карда шуда, бо истифодаи коеффитсиенти баландкунандаи 1,5 муайян карда мешавад. Дар ин сурат, агар дар соли 2012 дар вақти назорати андоз (санҷишҳои андоз) андозҳои иловагӣ ҳисоб шуда бошанд, маблағи илова ҳисобшудаи андозҳо беназардошти баҳисобгирии муҷозотҳои ҷаримавӣ ва фоизҳо, ҳамчунин ба ҳисоби миёнаи моҳонаи маблағи андозҳо барои соли 2012 дохил (ҳамроҳ) карда мешавад. Ҳисоби андоз аз бизнеси бозӣ тибқи формулаи зерин амалӣ карда мешавад:

Андоз аз бизнеси бозӣ = (∑андозҳо /12) * 1,5

- $\sum_{\text{андозҳо}}$ – маблағи ҳамаи андозҳои ҳисобшуда (аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда) барои соли 2012.
- Агар андозсупоранда дар соли 2012 соли пурраи тақвими фаъолият накарда бошад, пас маблағи андозҳои ҳисобшуда барои соли гузашта ба шумораи моҳҳо тақсим мешаванд, ки онҳо аз рӯзи бақайдгирии андозсупоранда то хотима ёфтани соли 2012 даромад карда мешаванд.

## 5. ДАВРАИ АНДОЗ, ПЕШНИҲОДИ ЭЪЛОМИЯ

14. Мутобиқи моддаи 310 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи андоз моҳи тақвимӣ эътироф карда мешавад.

15. Мутобиқи моддаи 311 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон эъломияи андоз аз бизнеси бозӣ мутобиқи шакли дар замимаи 2 овардашуда пешниҳод гардида, маблағи ҳисобшудаи андоз ҳар моҳ на дертар аз санаи 5-уми моҳе, ки баъд аз давраи андоз фаро мерасад, пардохт мешавад.

## 6. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ АНДОЗ

16. Агар объекти андозбандӣ, ба истисноИ ҳолати пешбининамудаи зербанди з) банди 4 Дастурамали мазкур ба санаи 1 моҳ (давраи андоз) муқаррар ва/ё барҳам дода шуда набошад, андоз аз бизнеси бозӣ доир ба ин объект барои ин моҳ чунин ҳисоб карда мешавад:

***Мисол:*** *ҶДММ «Бурд» дорои 8 кассаи идораи букмекери буда, аз ин шумора дар давраи андоз фаъолияти 3 он пас аз 15 рӯзи истифодабари дар моҳи тақвими қатъ карда шуд.*

*Дар ин ҳолат ҶДММ «Бурд» нисбат ба 3 кассаи идораи букмекери мутобиқ ба рӯзҳои истифодабарӣ тибқи формулаи зерин андоз аз бизнеси бозӣ пардохт менамояд.*

**Маблағи андоз = Ма / Шр * Шри**

Дар инҷо

Ма – Меъёри муқарраргардида барои ин объекти андозбандӣ;
Шр – Шумораи рӯзҳо дар моҳ;
Шри – Шумораи рӯзҳои истифодабарии объекти андозбандӣ дар моҳи ҷорӣ.

17. Пардохти андоз аз бизнеси бозӣ аз ҷониби андозсупоранда (шахси ваколатдорнамудаи ӯ) ба суратҳисобҳои бонкии буҷети маҳаллии маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ амалӣ мешавад.

18. Ҳангоми барориш ва фурӯхтани билетҳои лотерея андоз аз бизнеси бозӣ ба буҷети ҳамон ноҳияе, ки дар он билетҳои лотерея фурӯхта мешаванд пардохт карда мешавад.

19. Дар сурати аз ҷониби субъекти бизнеси бозӣ амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолият, баҳисобгирии бизнеси бозӣ ва дигар намудҳои фаъолият, инчунин андозбандии онҳо алоҳида анҷом дода мешаванд.

***Мисол***: *ҶДММ "Толеъ" дар санаи 10 январи соли 2013 ба қайд гирифта шуд. Фаъолияти асосии ҶДММ «Толеъ» гузаронидани лотерея ва барои муштариён пешниҳод намудани роҳравҳои бозӣ барои боулинг ба ҳисоб меравад. Инчунин, Ҷамъият ба воситаи шабакаи нуқтаҳои фурӯши худ аз фурӯши маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва молҳои ниёзи мардум даромад мегирад.*

*Ба ҳолати 1 июли соли 2013 даромади умумии Ҷамъият аз фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ 650 000 сомонӣ шуд. Дар асоси талаботи моддаи*

*290 Кодекси андоз Ҷамъият то охири сол дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият намуда, аз 1 январи соли 2014 ба низоми умумии андозбандӣ мегузарад.*

*Фаъолияти Ҷамъият аз гузаронидани лотерея ва ташкили бозии боулинг тибқи низоми махсуси андозбандӣ барои бизнеси бозӣ ва даромади аз фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ гирифташуда бо андози тибқи низоми соддакардашуда андозбандӣ карда мешавад.*

20. Шахсоне, ки андоз аз бизнеси бозиро истифода менамоянд аз иҷрои ӯҳдадориҳои агентҳои андоз, ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, озод карда намешаванд.

21. Истифодаи низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ аз пардохти чунин андозҳо, ба истисноя пардохтҳои дар манбаи пардохт андозбандишаванда озод менамояд:

а) аз андоз аз фоида барои бизнеси бозӣ;

б) аз андози даромад бевосита аз даромадҳои аз бизнеси бозии соҳибкории инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда;

в) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

г) андоз аз арзиши иловашуда, ба истисноя андоз аз арзиши иловашуда барои таҳвили хизматҳо (корҳо) ба ғайрирезидентҳо ва вобаста ба воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

22. Назорати истифодаи низоми махсуси андоз барои субъектҳои бизнеси бозӣ аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

23. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони манасабдор, инчунин агентҳои андоз барои ба таври лозима иҷро накардани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

Замимаи 3 ба Фармоиши Раиси
Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «22» 02. 2013, №7-ф

Ба Нозироти андоз
____________________
(номи мақомоти андоз)

аз ____________________________________________________________________
(номи ташкилот; ному насаб, номи падари соҳибкори инфиродӣ

____________________________________________________________________
(маҳали ҷойгиршавии ташкилот; суроғаи зисти соҳибкори инфиродӣ)

____________________________________________________________________
РМА, РЯМ, № иҷозатнома

# АРИЗА ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ОБЪЕКТИ (ОБЪЕКТҲОИ) АНДОЗБАНДИИ АНДОЗ АЗ БИЗНЕСИ БОЗӢ

Мутобиқи моддаи 308 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон
____________________________________________________________________
(номи пурраи ташкилот; ному насаб, номи падари соҳибкори инфиродӣ) хоҳиш (дархост) менамояд, чунин объектҳои андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ бақайд гирифта шаванд:

## Объектҳои андозбандӣ

| № т/т | Номгуи объекти андозбандӣ | Маҳали гузоштани (ҷойгиршавии) объекти андозбандӣ | Шумораи воҳидҳо (бо ҳарф) |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

## Ба фурӯш баровардани лоторея

| № т/т | Шумораи чиптаҳои лотерея | Маблағи умумии чиптаҳои лотерея | Маҳали (минтақаи) фурӯши чиптаҳои лотерея |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

Ҳамагӣ шумораи объектҳои андозбандӣ_____воҳидро ташкил медиҳанд.

Ариза – шахсан аз ҷониби андозсупоранда, намояндаи ваколатдор пешниҳод шуд; ба монанди почтавӣ равон карда шуд (лозимаро хат кашед).

Роҳбари ташкилот
(Соҳибкори инфиродӣ) __________ __________________________
(имзо) (ному насаб)

«__» _____________ соли 20__ Ҷ.М.

Намояндаи ваколатдор ________ __________________________
(имзо) (ному насаб)

«__» _____________ соли 20__

**Қайд дар бораи бақайдгирии ариза:**

«__» _____________ соли 20__ .

_______ ___________________________________________________________
(имзо) (ному насаб, номи падари шахси мансабдори мақомоти андоз)

Мӯҳри мақомоти андоз

Замимаи 4 ба Фармоиши Раиси
Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «22» 02. 2013, №7-ф

Нозироти андоз
________________________
(номи мақомоти андоз)

# ШАҲОДАТНОМА
# ОИД БА БАҚАЙДГИРИИ ОБЪЕКТИ (ОБЪЕКТҲОИ) АНДОЗБАНДИИ АНДОЗ АЗ БИЗНЕСИ БОЗӢ

аз _________ соли 20__ . № ___

Шаҳодатномаи мазкур дода шуд ба
________________________________________________________________________
номи пурраи ташкилот, соҳибкориинфиродӣ
________________________________________________________________________
РМА, РЯМ, № иҷозатнома (ҳангоми зарурият), суроғаҳо
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
дар он хусус, ки андозсупорандаи зикргардида «__»__________ соли 20__.
дар ____________________________________________________________________
(номи мақомоти андоз)
чунин объектҳои андозбандии андоз аз бизнеси бозиро ба қайд гирифт:

**Объектҳои андозбандӣ**

| № т/т | Номгуи объекти андозбандӣ | Маҳали гузоштани (ҷойгиршавии) объекти андозбандӣ | Шумораи воҳидҳо (бо ҳарф) |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

**Ба фурӯш баровардани лотерея**

| № т/т | Шумораи чиптаҳои лотерея | Маблағи умумии чиптаҳои лотерея | Маҳали (минтақаи) фурӯши чиптаҳои лотерея |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

Ҳамагӣ шумораи объектҳои андозбандӣ ____ воҳидро ташкил медиҳанд.

Асос: ариза дар бораи бақайдгирии объети (объектҳои) андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ ______________________________________________
(номи пурраи ташкилот, ному насаб, номи падари соҳибкори инфиродӣ)

аз «________» ____________ соли 20__ .

Санаи пешниҳод ба мақомоти андоз «_____» ______________ 20__ г.

Сардори Нозироти андоз ____________________________________________
(номи мақомоти андоз)

____________ ______________________________
(имзо) (ному насаб)

Ҷ.М.

Шаҳодатнома гирифта шуд
Роҳбари ташкилот
(Соҳибкори инфиродӣ) ____________ __________________________
(имзо) (ному насаб)

«___» ____________ 20__

Шаҳодатнома гирифта шуд

Намояндаи ваколатдор __________ _____________________________
(имзо) (ному насаб)

«__» ____________ соли 20__

Шаҳодатнома ба андозсупоранда барои объекти андозбандӣ, ки дар ариза дар бораи бақайдгирӣ зикр гардидааст, дода мешавад. Агар дар ариза дар бораи бақайдгирӣ якчанд объекти андозбандӣ нишон дода шуда бошад, пас барои ин объектҳо як шаҳодатнома дода мешавад. Нусхаи шаҳодатнома дар мақомоти андоз нигоҳ дошта мешавад.

Маҳали гузоштани объекти андозбандӣ – номи ноҳия, шаҳр, дигар маҳали аҳолинишин, кӯчаҳо, рақамҳои хонаҳо; дигар ҷойҳои ҷойгиркунии объекти андозбандӣ.